«Тасдиқ мекунам»
Директори Институти
зироаткории АИКТ
номзади илмҳои кишоварзӣ
Саидзода Р.Ф.
аз «09» 04 с. 2020

**Хулосаи**

ҷаласаи якҷояи шубаҳо ва озмоишгоҳҳои Институти зироаткории Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон

Диссертатсияи Бегназаров Давлатманд Бобошоевич дар мавзуи "Маҳсулнокии чормағзи заминӣ дар кишти ангорӣ вобаста аз муҳлати кишт ва зичии ниҳолҳо дар шароити Тоҷикистони Марказӣ" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз руйи ихтисоси 06.01.01 – зироаткории умумӣ, растанипарварӣ дар шуъбаи зироатҳои равғандиҳандаи Институти зироаткории Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон дар давоми солҳои 2012-2014 иҷро гардидааст.

Бегназаров Давлатманд Бобошоевич, соли таваллудаш 01.01.1988, соли 2006 ба шуъбаи рӯзонаи факултети агрономии Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш. Шоҳтемур дохил шуда, онро соли 2011 бо тахассуси агрономӣ хатм намудааст.

Фаъолияти меҳнатии Бегназаров Д.Б., аз соли 2012 то имруз дар Институти зироаткории Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон идома дорад. У аз моҳи январи соли 2012 то феврали 2018 вазифаи мудири шуъбаи зироатҳои равғандиҳандаро ба уҳда дошта, аз моҳи феврали 2018 то имруз вазифаи ходими калони илмиро иҷро намуда истодааст.

Соли 2012 ба шуъбаи рӯзонаи аспирантураи Институти зироаткории Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон дохил шуда, онро соли 2014 бомуваффақият хатм намудааст.

Роҳбарони илмӣ: Норов Мастибек Самадович - доктори илмҳои кишоварзӣ, профессори кафедраи зироаткорӣ ва хӯроки чорвои Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш. Шоҳтемур, Нарзулоев Тош Садулоевич – доктори илмҳои кишоварзӣ, мудири шуъбаи зироатҳои равғандиҳандаи Институти зироаткории Академи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон.

Аз рӯйи ҷамъбасти муҳокимаҳо чунин хулосагирӣ карда шуд:

**Муҳимияти мавзӯъ.** Ҳукумати мамлакат роҳҳои пешбурди минбаъдаи иқтисодиёти миллӣ ва зина ба зина баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии аҳолиро дар доираи яке аз ҳадафи асосии стратегӣ - таъмини амнияти озуқаворӣ тарҳрезӣ намуда, онро тадриҷан амалӣ гардонида истодааст.

Барои амалӣ гаштани ин барномаи стратегӣ яке аз масъалаҳои асосӣ - ин тақвият бахшидан ба корҳои илмию таҳқиқотии аз нуқтаи назари иқтисодӣ самарабахш, ҷорӣ намудани навигариҳои илман асосноки муосир, ҳамгироии илму истеҳсолот ва татбиқи дастовардҳои илмӣ мебошад.

Заминҳои обёришавандаи ҷумҳурӣ манбаи асосии истеҳсоли маҳсулотҳои ғизоӣ ба шумор рафта, парвариши зироатҳои равғандеҳ, аз қабили чормағзи заминӣ аз ҷиҳати иқтисодӣ фоидаовар буда, аҳолии кишварро бо равғани истеъмолии ватанӣ таъмин намуда, ҳамчун зироати лӯбиёгӣ ҳосилхезии хокро баланд мебардорад ва барои рушди соҳаи чорводорӣ низ аҳамияти мӯҳим дорад.

Яке аз захираҳои афзунгардонии маҳсулотҳои ғизоии соҳаи аграрӣ - ин васеъ истифода бурдани зироати чормағзи заминӣ дар кишти ангорӣ мебошад. Дар шароити минтақаи Ҳисор усулҳои агротехникии парвариши чормағзи заминӣ дар кишти ангорӣ ҳанӯз омӯхта нашудаанд ва барои иҷрои ин масъала такмил додани баъзе усулҳои технологияи

парвариш ва илман асосноккунии онҳо аҳамияти назариявӣ ва амалӣ доранд.

**Иштироки шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар комёб шудан ба натиҷаҳое, ки дар диссертатсия оварда шудааст.** Аз ҷониби Бегназаров Давлатманд Бобошоевич пеш аз оғози корҳои илмию таҳқиқоти мавзӯъ, роҳбари илмӣ, барномаи корӣ таҳия намуда, дар корҳои таҷрибавӣ ва ҷамоварии маълумотҳои илмӣ иштирок намуда, натиҷаи он дар ҷаласаҳои шуъбаи зироатҳои равғандиҳанда, Шӯрои методӣ ва Шӯрои илмии муассиса муҳокима ва тасдиқ карда шудааст.

Диссертатсияро шахсан худи муаллиф иҷро намуда, натиҷаҳои илмии бадастовардашуда низ таҳқиқоти мустақилонаи ӯ мебошад. Дар давоми ҳамаи давраҳои таҳқиқот муаллиф иҷрокунандаи асосии он буда, дар ин замина кори диссертатсияро пурра ба анҷом расонидааст. Ӯ асосноккунии илмии мушкилот, барномаи таҳияшуда ва усули таҳқиқот, мавзеи таҳқиқотро барои гузоштани таҷрибаи саҳрой бо истифодаи технологияи баъзе усулҳои парвариши зироатҳои минтақабобшудаи маҳалии чормағзи заминии навъҳои “Тоҷики - 15” ва ҷави “Пулодӣ”- ро иҷро намудааст.

Корҳои таҳқиқотии муаллиф асосан дар кишти ангорӣ бо чормағзи заминии навъи “Тоҷики - 15” гузаронида шуда, технологияи парвариши он, аз ҷумла муҳлати мусоиди кишт ва зичии ниҳолҳои муътадил барои заминҳои Водии Ҳисор муайян карда шудааст, ки ин барои самаранок ва оқилона истифода бурдани заминҳои обёришавандаи ин минтақаҳо ва руёнидани 2 – ҳосили дон дар як сол ба анҷом расонида шудааст. Дар диссертатсия маводҳои ҳарсолаи натиҷаи таҳқиқотҳои бaанҷомрасида, бақайдгири ва мушоҳидаҳои фенологии таҷрибаҳои саҳроии муаллиф оварда шудааст. Санадҳои апробатсияи натиҷаи корҳои таҳқиқотии таҷрибаҳои саҳрои дар замимаҳои диссертатсия пешниҳод гардидааст.

**Дараҷаи дурустии таҳқиқотҳои гузаронидашуда.** Таҳқиқот дар сатҳи баланди методӣ иҷро шуда, ба талаботи услубӣ низ ҷавобгуй мебошад. Дар таҷрибаҳои илмии саҳрои усулҳои муосири умумиэтирофгардида тавассути услуби таҳлили дисперсиони Б.А. Доспехов [1979, 1985], Институти илмӣ – таҳқиқотии зироатҳои равғандиҳанда (ВНИИМК) [1986], баромомади воҳиди хӯрока ва сафедаи ҳазмшаванда бо услуби М.Ф. Томме [1964], самараи иқтисоди бо услуби Инсиститути умуми итифоқи илмӣ таҳқиқотии хуроки чорво ба номи В.Р. Вилиямс [1971], муайн карда шудааст. Натиҷаи коркардҳо нишон доданд, ки нишондодҳои асосии таҳқиқотҳои гузаронидашуда дурустии амиқиро доранд. Хулосаву тавсияҳо ба истеҳсолотро муаллиф дар асоси таҳлилҳои илман асоснокшудаи таҳқиқот ва маводҳои воқеии таҷрибаҳои илмии саҳрой ва истеҳсолӣ таҳия намудааст.

**Натиҷаҳои нисбатан амиқи дастовардаи худи аспирант, навгониҳо ва аҳамияти амалии онҳо.** Бо дарназардошти натиҷаҳои таҳқиқотҳои илмии гузаронидашуда, бори аввал дар шароити заминҳои обии Тоҷикистони Марказӣ, технологияи парвариши чормағзи заминӣ, аз ҷумла муҳлати кишт ва зичии ниҳолҳо дар кишти ангорӣ илман асоснок карда шуд, ки ба шуд равона гардидааст илман асоснок карда шуд.

Аз тарафи муаллиф барои истифодаи самараноки заминҳои обӣ ва рӯёнидани 2 ҳосили дон дар як сол, кишти чормағзи заминии минтақабобшудаи маҳалии навъи “Тоҷики - 15” дар даҳрӯзаи якуми моҳи июн бо зичии 116 ҳазор растанӣ дар 1 гектар ё 7 дон дар 1 метри тӯлонӣ баъд аз ҷамъоварии ҷавъи “Пулодӣ” тавсия карда шуд, ки ин ба мақсади рӯёнидани ҳосили фаровони дон, равғани растании аз ҷиҳати экологӣ тоза, анбӯҳи сабз, бедаи серғизо ва ҳосилхез гардонидани таркиби хок равона гардидааст.

**Аҳамияти амалӣ ва татбиқи натиҷаҳои таҳқиқот.** Дар натиҷаи таҷрибаҳои саҳрои дар шароити заминҳои обии минтақаи Ҳисор муҳлати

мусоиди кишт ва зичии муътадили ниҳолҳои чормағзи заминӣ дар кишти ангорӣ таҳия гардид, ки рӯёнидани то 3,3 т/га ҳосили ғилофакҳо, 27 т/га анбуҳи сабз ва 0,9 т/га равғани растании аз ҷиҳати экологӣ тозаро таъмин менамояд. Технологияи илман асоснокшудаи парвариши чормағзи заминӣ дар хоҷагии таҷрибавии ба номи Дзержинский-и шаҳри Ҳисор дар майдони 3 гектар татбиқ карда шудааст.

**Интишори натиҷаҳои диссертатсия.** Дар доираи мавзӯъ 6 маводи илмӣ аз он ҷумла 4 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидаанд.

### Феҳристи корҳои чопшудаи муаллиф доир ба мавзӯи диссертатсия

### Мақолаҳо дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

**1-М.** Бегназаров Д.Б. Продуктивность арахиса повторного возделывания в зависимости от срока посева и густоты стояния в Гиссарской долине / Д.Б. Бегназаров // Кишоварз (Земледелец), 2018.-4 (80). - С.43-45.

**2-М.** Бегназаров Д.Б. Влияние срока посева и густоты стояния на урожайность семян арахиса при повторных посевах в условиях Гиссарской зоны / Д.Б. Бегназаров // Кишоварз (Земледелец), 2019. - 3-А (84). - С.91-95.

### Мақолаҳо дар маҷмӯаҳои маводи конференсияҳо

**3-М.** Бегназаров Д.Б. Технологияи парвариши чормағзи заминӣ дар заминҳои обӣ / Т.С. Нарзулоев, 2015. – 16 с.

**4-М.** Бегназаров Д.Б. Технологияи парвариши чормағзи заминӣ / Т.С. Нарзулоев, М.С. Норов, М.М. Солиҳов, 2018. – 27 с.

**Таъйид (апробатсия) – и диссертатсия ва иттилоот оид ба истифодаи натиҷаҳои он.** Таҷрибаҳои илмии саҳрои солҳои 2012-2014 аз ҷониби коммисияи махсусии методии апробатсионии Институти зироаткорӣ, намояндагони Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон, Вазорати кишоварзии ҶТ, Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш. Шоҳтемур,

Комиссияи давлатии озмоиши навъи зироатҳои кишоварзи ва муҳофизати навъҳои Вазорати кишоварзии ҶТ баҳогузорӣ карда шуда, натиҷаи он дар ҷаласаҳои Шӯрои илмии муассиса муҳокима гардидааст.

Натиҷаи корҳои илмию таҳқиқотӣ оид ба мавзӯи диссертатсия дар семинару конференсияҳо, мизҳои муддавари Институти зироаткории АИКТ (ш. Ҳисор, 2015, 2016, 2017); конференсияи илмию амалии ҷумҳуриявӣ “Нақши зироатҳои равғандиҳанда дар таъмини равғани истемолии ватанӣ” (Душанбе, 2014); семинари амалии “Чормағзи заминӣ ва аҳамияти он дар таъмини амнияти озуқаворecho кишвар”(ш. Қӯрғонтеппа, 2015); “Зироатҳои равғандиҳанда дар шароити тайғирёбии иқлим” (ш. Ҳисор, 2018) баррасӣ гардидааст.

Дар ҷаласа 35 нафар иштирок доштанд. Натиҷаи овоздиҳӣ: овоз доданд барои тавсияи диссертатсияи Бегназаров Давлатманд Бобошоевич дар мавзӯи “Маҳсулнокии чормағзи заминӣ дар кишти ангорӣ вобаста аз муҳлати кишт ва зичии ниҳолҳо дар шароити Тоҷикистони Марказӣ” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз руйи ихтисоси 06.01.01 – зироаткории умумӣ, растанипарварӣ ба ҳимояи ошкоро “**тарафдор**” – 35 нафар, “**муқобил” –** нест, **“бетараф”** – нест, Протоколи № 2 аз 06 апрели соли 2020.

Раиси ҷаласа,
номзади илмҳои кишоварзӣ — Пулотова Ш.С.

Котиби ҷаласа,
номзади илмҳои кишоварзӣ — Юсуфи Г.И.

Имзоҳои Пулотова Ш.С. ва Юсуфи Г.И.-ро
тасдиқ мекунам, сардори нозири кадрҳои
Институти зироаткории АИКТ — Раҳмонов Ш.Ш.